# Тақриз

ба рисолаи унвонҷӯ Суфиёи Ҷаннатмир дар мавзӯи «Таҳқиқи ҷанбаи иҷтимоии ашъори Халилуллоҳи Халилӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – адабиёти тоҷик (форсӣ)

Равобити адабӣ аз масъалаҳои муҳимми адабиётшиносӣ ба шумор рафта, он муносибатҳои ҳасанаи фарҳангии халқиятҳои гуногунро дар замон ва макони муайян фаро мегирад. Махсусан вақте ки сухан оид ба омӯзиш ва баррасии ҳаёти адабии халқиятҳои ҳамзабону ҳамфарҳанг меравад, ин масъала ба арзишҳои бештари илмӣ бархурдор мешавад. Аз ин рӯ, рисолаи Суфиёи Ҷаннатмир, ки ба таҳлилу таҳқиқи ашъори суханвар ва мутафаккири барҷастаи даризабони садаи XX кишвари Афғонистон Халилуллоҳи Халилӣ бахшида шудааст, дорои аҳамияти калони назаррӣ ва амалӣ мебошад. Дуруст аст, ки доир ба ҳаёт ва эҷодиёти устод Халилӣ чанд тадқиқот вуҷуд дошта, рисолаҳои номзадӣ ҳам таълиф гардидаанд, вале унвонҷӯ як масъалаи басо муҳим ва омӯхтанашуда – ҷанбаи иҷтимоии ашъори шоирро ба таҳлилу тадқиқ гирифта, дар душвортарин шароити таърихии давр ба халқиятҳои ватани азизаш ҳамдаму ҳамқисмат будани ин суханварро собит сохтааст.

Рисола аз муқаддима, ду боб, хулоса ва китобнома иборат буда, китобнома 117 сарчашма ва адабиёти илмии дар Афғонистон, Тоҷикистон, Эрон ва Россия ба табъ расидаро фаро гирифтааст.

Дар боби аввал шарҳи ҳоли Халилуллоҳи Халилӣ ва осори адиб аз нигоҳи жанр, қолабҳои шеърӣ ва сабку баён мавриди таҳлилу таҳқиқи мухтасар, вале ҳадафмандона қарор гирифтааст. Ҷараёни зиндагии Халилуллоҳи Халилӣ дар як давраи ниҳоят ҳассос ва пурмоҷарои кишвари Авғонистон – яъне аз ибтидо то охирҳои солҳои 80-уми

садаи XX сурат гирифта, шоир баъди қатли падар, қисми умри худро дар маҳрумиятҳои сиёсӣ ва муҳоҷират ба кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, араб, Олмон, Амрико ва Покистон мегузаронад ва муҳаббати сӯзон ба халқу ватан, мушоҳидаҳои ғаразҳои ғосибонаи давлатҳои абарқудрати дунё ӯро чун адиби тавоно ва ҷонсӯзи миллат ба камол мерасонад.

Мувофиқи таҳқиқи унвонҷӯ, алҳол осори Халилуллоҳи Халилӣ оид ба назму наср, таърих, нақди адабӣ, тасаввуф, ки ба забонҳои дарӣ ва арабӣ навишта шудаанд, ба 50 мерасад, аммо ин шумора ҳанӯз пурра нест, «зеро мақолаҳои зиёде, ки дар матбуоти Кобул, Ҷидда, Бағдод, Қувайт, Туркия, Сурия, Эрон, Қоҳира ва Покистон доир ба сиёсатшиносӣ, равобити адабӣ, фарҳангӣ ва таърихии ин мамолик бо гузашта ва имрӯзаи Афғонистон доштанд, ба ҳисоб гирифта нашудааст» (дис., с.35).

Суфиёи Ҷаннатмир дар раванди таҳлилу тадқиқи вежагиҳои лафзии ашъори Халилуллоҳи Халилӣ ба натиҷаҳои ҷолиб мерасад. Чунонки аз Куллиёт ва ду Девони шоир бармеояд, ашъори ӯ дар шакли қолабҳои суннатии шеърӣ – чун қасида, ғазал, қитъа, рубоӣ, дубайтӣ, таркиббанд, мусаммат, мустазод, маснавиҳои хурд ва манзумаҳо рӯи кор омадаанд, вале дар мазмуну муҳтаво батамом навандешона мебошанд, ба дараҷае ки суханвар дар нақди адабии давр чун машҳуртарин шоири муосири Афғонистон эътироф гардидааст. Халилуллоҳи Халилӣ дар шакли «шеъри нав» ё Нимоӣ ҳамагӣ як шеър бо номи «Суруди кӯҳсор» эҷод кардааст. Унвонҷӯ ин шеъри 24-мисраъгиро, ки нахустин шеъри Нимоӣ дар Афғонистон мебошад, муфассал таҳлил карда, шоирро бо такя ба андешаҳои мунаққидон асосгузори «шеъри нав» дар мамлакат донистааст.

Дар фаслҳои «Вежагиҳои муҳтавои осори Халилӣ», «Қолабҳои шеърӣ», «Сабк ва баён»-и боби аввал ҷанбаи илмии кор басо тақвият меёбад. Унвонҷӯ бо такя ба андешаҳои мунаққидону адабиётшиносони ватанӣ ҳусни таваҷҷуҳ ва алоқамандии устод Халилиро ба сабкҳои

хуросонӣ ва ироқӣ, ашъори шоироне чун Фаррухӣ, Манучеҳрӣ, Масъуди Саъди Салмон ва махсусан Иқболи Лоҳурӣ (ӯро шогирди дабистони Иқбол метавон донист) муфассал мавриди баррасӣ қароро медиҳад ва дар сабку қолаби шеърӣ ба анъанаи адабиёти классикӣ содиқ монданро аз дастовардҳои назарраси шоири мавриди назар мешуморад: «Як ифодаи бузурги Халилӣ ин аст, ки дар садаи бист, дар ин даври тӯфонӣ, ки ҷаҳон зеру забар шуд, ӯ тавонист дар шеър ба замонҳои гузашта, ба анъанаҳои волои классикӣ содиқ бимонад. Як неруи бузурги ботинӣ даркор буд, ки шоир битавонад фишори сахти қонуншиканӣ ва зобитаситезиҳои адабии садаи бистро бартараф бикунад ва роҳу равиши бузургони асрҳои гузаштаро собитқадамона идома бидиҳад» (дис., с. 42).

Дар ҳақиқат, дар солҳои аввали садаи XX дар тамоми қаламрави шеъри форсӣ-тоҷикӣ як ҷараёни номатлуби анъанаситезӣ қувват гирифта буд ва дар шеъри тоҷик ҳам «назариячиёне» пайдо шуда буданд, ки умри ғазал ва рубоӣ барин жанрҳои суннатиро тамомшуда қаламдод мекарданд ва теша ба решаи арӯз зада, ба вазни ҳиҷо гузаштанро раво медиданд. Устод Халилӣ барин суханварони собитқадам бошанд, басо моҳирона собит намуданд, ки дар жанрҳои суннатии шеър низ мазмунҳои дархури замонро басо олӣ ифода кардан мумкин аст.

Ашъори Халилуллоҳи Халилӣ аз лиҳози мавзӯъ фарогир ва гуногунпаҳлу аст, вале унвонҷӯ дар ёздаҳ фасли боби II танҳо ҷанбаи иҷтимоии ашъори шоирро мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор додааст. Аз таҳқиқот маълум мешавад, ки устод Халилӣ бо халқҳову мамлакати хеш чун гӯшту нохун пайванди ногусастанӣ дошта, ба тамоми масъалаҳои хурду бузурги зиндагии ҳамдиёронаш бевосита алоқаманд будааст.

Ба қавли унвонҷӯ, Афғонистон дар замони зиндагии Халилуллоҳи Халилӣ мамлакати истибдодӣ буда, ҳар ҳаракати зиддиистибдодӣ ва озодихоҳонаи ҷомеа дарҳол саркуб мешуд. Ин аст ки дар ашъори иҷтимоии шоир мавзӯи ватан ва диёр мавқеи марказӣ дорад. Ашъори ватанхоҳии шоир бисёранд, вале муҳаққиқ чанд намунаи ба ин мавзӯъ

бахшида, чун «Тобиши шамшер», «Гӯед ба наврӯз», «Баҳори хун», «Ба пешгоҳи ватан», «Пайки ҷонон»-ро таҳлил намуда, натиҷагирӣ мекунад. Дар омади гап, ба муҳити воқеӣ иртиботи ногусастанӣ доштани ашъори иҷтимоии суханварон аз «Гӯед ба наврӯз» ном шеъри Халилӣ ва шеъри истиқболии Гулрухсор басо равшан ҳувайдо мегардад. Устод Халилӣ вазъи ноҳинҷор ва фоҷиабори ватанашро дар як давраи мудҳиши таърихи Афғонистон бо сӯзу гудоз, аз ҷумла чунин ифода кардааст:

Гӯед ба наврӯз, ки имсол наояд,
Дар кишвари хунинкафанон роҳ накушояд,
Булбул ба чаман нағмаи шодӣ насарояд,
Хун медамад аз хоки шаҳидони ватан, вой,
Эй войи ватан, вой!

Ва Гулрухсор низ дар мудҳиштарин вазъияти Ватани хеш, ки гурӯҳҳои даргири ҷомеа дар сангарҳои муқобили ҳам истода буданд, муҳтавои шеъри мазкури Халилиро ифодакунандаи ҳолати рӯҳии худ ва ҳамватанон дида, онро тазмин мекунад:

Гӯед ба наврӯз, ки нав нест гами мо,
Аз ҳасрати хунинкафанон чашми нами мо.
Аз ваҳшати оқипадарон пушти хами мо
Гӯед ба наврӯз, ки ҳар рӯз биояд.

Ин ду шеър намунаи муваффақи робитаҳои адабии Афғонистону Тоҷикистон дар давраи нав мебошад.

Ашъори ватанхоҳии устод Халилӣ, мувофиқи тадқиқот, ба ду давра ҷудо мешавад. Яке, то 1978, ки асосан дар шакли панду ҳикмат ба аҳли ҷомеаи Афғонистон, махсусан ҷавонписарону ҷавондухтарон, гуфта шудааст. Шоир аз таърихи пуршарафи ниёгони ватанпараст ёд карда, ҷавононро ба ҳушёриву зиракӣ, рӯ овардан ба илму дониш ва ба

ин восита ба Ватан садоқатманд будан даъват мекунанд. Аз ҷумла, рӯҳияи озодипарастии духтарони мамлакатро чунин таҳрик медиҳад:

Эй шохаи гул, шикаста то чанд?
Эй сарви равон, нараста то чанд?
Эй мурғи биҳишт, хаста то чанд?
Дар кунҷи қафас нишаста то чанд?
Бишкан қафасу чаман биорой!

Дигаре, баъди соли 1978, баъди тасаллути шӯравиҳо, ки ба қавли унвонҷӯ «ба ҷойи лолаҳои сурх дар дашту домани кишвар қатраҳои хуни далермандони озодихоҳ барнишаст ва он боғу бӯстон ба оташистоне мубаддал гашт, ки дили устодро оташ мезад» (дис.,73). Ашъори ватанхоҳонаи давраи дуюми шоир, ки дар муҳоҷират эҷод гардидааст, моломоли сӯзу фироқу ранҷу дард буда, рӯҳи амиқи муқовимат касб кардааст.

Дар фасли дувуми боби II - «Мақоми зан ва модар дар ашъори Халилӣ» ҷойгоҳи иҷтимоии занону модарони Афғонистон дар ҷомеа ба таҳлилу тадқиқ омадааст. Унвонҷӯ сабабҳои аз зовияи иҷтимоӣ ба тасвир гирифтани нақши зан-модарро дар ашъори шоир муайян намуда, таъкид мекунад, ки фардият ва услуби ба худ хоси тасвир маҳз дар ҳамин шеърҳо ҳувайдо мегардад. Ҳангоми ба дифои марзу бум гусел кардан видои модар ба писар ҳодисаи муқаррарӣ ва амри воқеӣ аст. Дар қасидаи «Ноҳид ва духтарони қаҳрамони Кобул» бошад, модар духтари худро ба корзор, дифои ватан аз аҷнабиён гусел мекунад, ки зиёда муассир, бариққатоваранда ва омӯзанда аст. Мисолҳо ҷанбаи тадқиқотии рисоларо, чунонки аз лаҳзаи видои модару духтар бармеояд, боз ҳам тақвият медиҳад:

Дар ин лаҳза, ки ҳар ҷунбидани мижгон забон дорад,
Ду чашми хунфишон бо ҳамдигар рози ниҳон дорад.

Ду дил, оре, ду дил қасди видои ҷовидон дорад,
Сиҳисарве зи манзил азми ҷанги душманон дорад (рис., с. 84).

Ҳамин тариқ, аз таҳлилу тадқиқи қасидаи «Панҷшер ва Масъуди қаҳрамони он», таркиббанди «Паёми хонуми овора ба шавҳараш», маснавии «Муҷассамаи озодӣ» маҳорати нигорандагии Халилуллоҳи Халилӣ дар интихоби мавзӯи зан-модар ва тарзи ифодаи он басо равшану амиқ ошкор мегардад. Маснавии «Муҷассамаи озодӣ» ҷанбаи сиёсӣ дорад ва он аз лаҳзаи хоббинии шоир шурӯъ гардида, гуфтугӯи муҷассамаи дар Ню-Йорк будаи модарро ба Президенти кишвари Амрико Ҷ. Картер дар бар мегирад. Ин услуби тасвир ба шоир имкон додааст, ки андешаҳои интиқодии худро оид ба сиёсати хориҷии ин кишвари абарқудрат бепарда баён намояд.

Дар рисола ашъори иҷтимоии устод Халилӣ вобаста ба замону макон ва ҷараёни адабии давр таҳлил меёбад ва чунин тарзи масъалагузорӣ боиси пурратар ошкор сохтани сатҳи тафаккур ва диди эстетикии шоир мегардад. Масъалаи таълиму тарбия ва дар соҳаи илму дониш нисбат ба мамлакатҳои Ғарб бамаротиб қафо мондани мамолики Шарқ таваҷҷуҳи бисёр мутаффакирони шарқӣ, аз ҷумла, Садриддин Айнӣ, Саид Ҷамолиддини Афғон ва Аллома Иқболро ба худ ҷалб намудааст. Халилуллоҳи Халилӣ низ ин масъаларо мавриди тасвири ҷиддӣ қарор дода, ягона роҳи рафъи ин мушкилотро дар омӯзиши ҷиддӣ ва самараноки илму дониш медонад. Илму дониш манбаест, ки халқҳои Шарқ, аз ҷумла мамлакати бисёрқавмаи Афғонистонро, аз чанголи таассуб раҳонда, ихтилофи мазҳабиро аз байн мебарад ва садди роҳи сиёсати тафриқандозии мамлакатҳои Ғарб мешавад.

Таҳлилу таҳқиқ дар рисолаи мавриди назар бо усули баёни аз кулл ба ҷузъ сурат гирифтааст. Дар ҳар як фасли боби II муҳаққиқ аввал ба таври умум масъалагузорӣ карда, баъд ба таҳлил бевоситаи ашъори устод Халилӣ мегузарад. Дар фасли нуҳум – «Интиқод аз беадолатии иҷтимоӣ» унвонҷӯ аввал оид ба шеър ва навъҳои он, таърихи шеъри

ичтимоӣ ва мавқеи он дар эчодиёти шоирони миллатгарое чун Муҳаммад Иқбол муҳокима ронда, баъд ашъори Халилиро аз ҳамин зовия баррасӣ менамояд. Чунин усули таҳлил, ба андешаи мо, симои хоси эчодии ин устоди суханро баръало мекушояд. Оре, беадолатии ичтимоӣ мавзӯи байналмилалӣ аст, аммо вақте ки Халилуллоҳи Халилӣ таъкид мекунад, ки:

Дуки бофанда кам аз найзаи аскар набувад,
Ки кунад ҳар ду ба ободии кишвар коре –

дар назари хонанда шоири бедордилу рӯзгордида, ҳақшиносу дилсӯзи Афғонистони чангзада тачассум мегардад.

Боз як масъалае, ки дар рисола басо муфассал ба тадқиқ омадааст, чойгоҳи шеъри муқовимат дар офаридаҳои шоирони Афғонистон, аз чумла, устод Халилӣ мебошад. Унвончӯ шаклгирӣ ва густариши шеъри муқовимати Афғонистонро ба давраи низоми коммунистӣ мансуб дониста, амали онро дар се ҳавза – ҳавзаҳои дохили кишвар, Эрон ва Покистон нишон медиҳад. Шеъри муқовимат дар Покистон бо эчоди Халилуллоҳи Халилӣ зиёда қувват гирифт. «Зиндаёд устод Халилӣ, - омадааст дар рисола, - тавонист бинои шеъри муқовимати Афғонистон дар хорич аз кишварро пояғузорӣ кунад. Шеъри «Наврӯзи оворагон»-и ӯ дар қолаби оҳанг даромад ва тавассути хонандагони муҳочир хонда шуд ва ин албатта дар эчоди рӯҳияи зиддидавлатӣ дар мардум беасар набуд» (рис., с. 128).

Бояд гуфт, ки таҳлилу тадқиқи ашъори муқовимати Халилуллоҳи Халилӣ басо доманадор буда, дар он чанбаи амиқи миллӣ ва ватанхоҳии ашъори шоир равшан ошкор мегардад. Шоир дар чараёни мазаммати дастдарозиҳои Ғарб ба фарҳангу ахлоқи қавмҳои Афғонистон ва паймонҳои Варшававу НАТО ба тасвири паёмадҳои номатлуби муҳочират мепардозад ва дар маснавии «Ба худ ва ба ҳамватанони Амрико» муҳочиронро ҳушдор медиҳад, ки мабодо мафтуни

зоҳирфиребиҳои давлатҳои абарқудрат гардида, ёру диёри азизашонро фаромӯш накунанд:

Чун дар он ҷо айшу ҳикмат тавъам аст,
Шаҳди он бо заҳр паҳлуи ҳам аст.
Ту навомӯзӣ, маҳӯр заҳри ҳавас,
Шоҳбози ман, машав сайди магас.
Ҳаст аз ҷои дигар фарҳанги ту,
Сози ту, овози ту, оҳанги ту (дис., с 132).

Масъалаи муҳоҷират дар адабиёти тоҷик ҳам мавриди тасвири ҷиддӣ қарор дорад ва хуб мешуд, ки унвонҷӯ дар иртибот ба ашъори Ғаффор Мирзо ва Бозор Собир барин шоирони саршиноси тоҷик низ мурочиат мекард.

Унвонҷӯ ҳангоми таҳлил ба забону услуби баёни ашъори иҷтимоии шоир низ таваҷҷуҳ зоҳир кардааст. Забони осори шоир равон ва дилкаш мебошад ва дар ифодаи мазмуну муҳтаво саҳми муносиб мегирад. Вожаҳои шеърҳои лирикӣ аз вожаҳои ашъори ҳамосӣ фарқ доранд. Махсусан, дар тасвири симои манфури аҷнабиёни ғоратгар забони шеъри шоир рӯҳи пурқуввати ифоданокӣ пайдо мекунад:

Шумо бунёдгузори ҷавру тазвиреду бедодед,
Ситамкореду одамхору хуношому ҷаллодед (рис., с. 110).

Пайдарпай чидани калимаҳои аз ҷиҳати маъно ба ҳам монанди ҷавру тазвир, ситамкор, одамхор, хуношом, ҷаллод аз маҳорати баланди шоир дар офаридани шеърҳои иҷтимоӣ гувоҳӣ медиҳад. Ҳамчунин, дар коргоҳи эҷодии шоир ташбеҳ, истиора, талмеҳ, такрор барин воситаҳои тасвир низ мавқеи муносиб доранд. Аз ҷумла, дар як ғазал чун радиф батакрор омадани вожаи «Кобул» дар ифодаи ҳолати харобӣ ва

ҳузновари ин шаҳри дар гузашта ободу зебо ва макони орифону ҷавонмардони бузург саҳми муносиб гирифтааст:

Мекунад шафақ гулгун осмони Кобулро,
То кунад ба хун тасвир достони Кобулро (дис., с. 110).

Натиҷаҳои ниҳоии рисола, ки аз таҳлилу тадқиқи муфассали мавзӯи мавриди назар ҳосил шудаанд, асоснок ва аз нигоҳи илмӣ пурқуваттанд ва феҳристи адабиёт низ ба талаботи рисолаи номзадӣ ҷавобгӯ мебошад.

Дар баробари ин дар рисола баъзе норасоӣ ва камбудиҳо мушоҳида шуд. Аз ҷумла:

1. Дар рисола, баъзан, ғалатҳои илмӣ мушоҳида мешавад. Дар саҳифаи 11 унвонҷӯ Куллиёти шоирро ҳамчун Девони ашъор ном бурдааст, ки ғалат аст. Бояд ҷумла дар шакли «Сарчашмаи асосии тадқиқ дар рисола нашри як Куллиёт ва ду Девони ашъор аст» ифода мегардид. Ё худ дар саҳифаи 21 рисола 18 январи соли 1929 ба сари қудрат омадани Ҳабибуллоҳхони Калаконӣ баён мегардад. Дар саҳ. 23 бошад, ба чунин ҷумла дучор мешавем: «15 декабри соли 1929 Ҳабибуллоҳхони Калаконӣ ба тахту тоҷ соҳиб гашт». Ба фикрам, 15 декабри соли 1929 санаи ба тахт нишастани Нодиршоҳ мебошад, ки саҳван ғалат рафтааст.
2. Баъзан (ниг. ба саҳ. 65 - 66) мисолҳо зиёд ва таҳлил кам мушоҳида шуд. Аз ҷумла, аз 31 сатри саҳ. 7 ҳафт сатраш таҳлили унвонҷӯ асту халос.
3. Дар рисола такрори мисолҳо ба назар мерасад. Масалан, шеъри «Эй гиромӣ хоки покам, эй ватан», ки аз ҳафт байт иборат аст, дар саҳифаҳои 66, 130, 133, 138 такрор ёфтааст.

4. Адабиёти илмӣ бо як услуб ишора нашудааст. Масалан, китобҳои Муҳаммад Сиёсӣ «Халилӣ шоири Афғону Эрон» ва Ҷ. Саидзода «Ниғоҳе ба шеър ва мусиқии муосири Афғонистон» ҳам дар матн (саҳ. 8), ҳам дар поварақ (саҳ. 9, 10) ишора шуда, дар китобнома ҷой дода нашудаанд.
5. Ҷумлаҳои алоҳида ноқис ба назар мерасанд. Масалан, дар саҳ. 7 ба ин ҷумла дучор шудем: «Ғайр аз китобу рисолаҳои номбурдашуда мақолаву тақризҳои зиёд, ки ба нақду баррасии осори Х. Халилӣ бахшида шудаанд, бисёранд».
6. Мисраъҳои алоҳидаи шеърӣ ғалат чоп шуда, мазмуни матнро костаанд. Саҳ 103: «Эй ватан, чашми ватан сӯи ту боз аст ҳанӯз» (ба ҷои ватани аввал бояд писар бошад). Ё худ, саҳ 132: «Шаҳди он бо зар паҳлуи ҳам аст» (ба ҷои зар бояд захр бошад)…
7. Баъзан истифодаи нодурусти калимаҳо сабаби харобии маъно гардидаанд. Саҳ. 14: мураккибони амир (ба ҷои мукаррабони амир); саҳ. 15: токатнофарсо буд (ба ҷои токатфарсо буд)…
8. Дар кор ғалатҳои имлоӣ ва чопӣ, чун кучак (ба ҷои кӯчак), сӯхбат (ба ҷои сухбат), да (ба ҷои дар), деш (ба ҷои пеш), рузхои (ба ҷои рӯзҳои), барҷост (ба ҷои побарҷост), артиш (ба ҷои артиши), тӯхфа (ба ҷои тухфа),… ба назар мерасанд.

Бояд гуфт, ки ин носаҳеҳӣ ва костагиҳо ҷузъӣ буда, ба қимати илмии рисола халал ворид намесозанд. Рисолаи Суфиёи Ҷаннатзамир дар мавзӯи «Таҳқиқи ҷанбаи иҷтимоии ашъори Халилуллоҳи Халилӣ» аз ҷиҳати мазмуну мухтаво ва дараҷаи тадқиқ анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Ҳукумати Тоҷикистон оид ба ҳимояи рисолаҳои илмии доктори фалсафа аз рӯи ихтисоси 10.01.01 - адабиёти тоҷик пурра мувофиқат дорад.

Фишурдаи рисола ва мақолаҳои нашршуда мундариҷаи корро ба пурраги ифода мекунанд ва унвонҷӯ аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – адабиёти тоҷик (адабиёти форсӣ) барҳақ сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ мебошад.

Узви вобастаи АИ ҶТ, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Кӯчаров А.

Имзои Кӯчаров А.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.Ш.

Сурога: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев
150/2 кв 232
E – mail: alyamkhon @mail. Ru
Тел: 905-50-79-80.

23.08.2018.